**ВАҲДАТИ МИЛЛӢ БОЯД АЗ ҲАМА ГУНА ИХТИЛОФИ НАЗАР, ГУНОГУНАНДЕШИИ СИЁСӢ, МАНФИАТҲОИ ҲИЗБӢ, ГУРӮҲӢ ВА ҒАЙРА БОЛОТАР ВА ДАХЛНОПАЗИР БОШАД**

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**


*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

25 июни соли 2024

№ 15-16 (205-206)


# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ НОМАИ ТАҚДИРИ МО ВА ПЕШРАФТИ КИШВАР АСТ

## ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ РАҲМОНЗОДА ЗОИР ФАЙЗАЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

27-уми июни соли ҷорӣ аз рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27 сол сипарӣ мегардад. Аз ин рӯ, ҳамаи шуморо аз номи раёсати донишгоҳ ба ин муносибат самимона шодбош гуфта, ба ҳар кадоматон тансиҳатӣ, саодати рӯзгор ва дар кору фаъолиятатон барору комёбӣ орзу мекунам.

Ваҳдати миллӣ, ки ҳамасола дар саросари Ватани маҳбубамон бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешавад, ба осонӣ ба даст наомадааст. Тавре Президенти маҳбуби кишвар – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: "Халқи тоҷик сулҳу ҳамдигарфаҳмиро ба ивази азияту заҳмати сахту сангин ва муҳимтар аз ҳама, ба баҳои ҷони даҳҳо ҳазор қурбониёни ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба даст овард ва имрӯз шукргузор аст, ки дар фазои неъмати бузурги суботи сиёсӣ ва оромии ҷомеа кору зиндагӣ дорад. Бинобар ин, мо вазифадор ҳастем, ки ба хотири тарбияи насли наврас ва ҷавонони имрӯза дар руҳияи ватандӯстиву сулҳхоҳӣ ва ободкориву созандагӣ, инчунин барои наслҳои ояндаи халқамон ба мерос гузоштани ин дастоварди муқаддасу нодир фарҳанги сулҳро ҳамчун ҷузъи доимии фарҳанги зиндагии мардум густариш бахшем".

Воқеан ҳам, дар таъмини сулҳи тоҷикон хизматҳои фарзанди фарзонаи миллат, Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беназир аст. Маҳз ҷаҳду талош, заҳматҳои шабонарӯзӣ ва силсилаи тадбирҳои андешидаи Сарвари давлат, аз ҷумла ба Ватан баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, қабули қонуни авф ва иловаҳо ба қонун дар «Дар бораи озодии виҷдон» имкон фароҳам овард, ки беш аз як миллион фирорӣ ба Ватан, яъне ҷойҳои зисти муқимиашон баргашта, сулҳу субот ба тадриҷ дар кишвар таъмин карда шавад. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хираду фитрати азалӣ ва ҷаҳду талошҳои шабонарӯзиашон давлатро аз нестӣ, миллатро аз парокандагӣ эмин дошта, ваҳдати сартосариро таъмин сохт.

Бо дарназардошти аҳамияти беандоза доштани сулҳу ваҳдати миллӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон иброз доштанд, ки "Ваҳдат барои мо як вожа ва калимаи одӣ нест, балки номаи тақдири мо, шарти пешрафти кишварамон ба сӯйи ояндаи ободу осуда ва муҳимтар аз ҳама, кафили сарҷамъию хушбахтии имрӯзу ояндаи халқамон аст".

Дар ҳақиқат, маҳз пойдории сулҳу субот ва рӯз аз рӯз мустаҳкамтар гардидани



ваҳдати миллӣ буд, ки имрӯз кишвари мо – Тоҷикистони соҳибистиқлолро ҳамчун мамлакати сулҳдӯсту сулҳхоҳ ва пешрафта дар саросари олам мешиносанду эътироф мекунанд. Пойтахти он Душанбешаҳр, ки айни замон бо 22 шаҳри давлатҳои Осиё, Аврупо, Африқо, Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) бародаршаҳр мебошад, ба макони баргузории чорабиниҳои сиёсии сатҳи байналмилалӣ табдил ёфтааст. Пешрафти мамлакат, ободиву шукуфоии Ватан ва дастовардҳои азиме, ки тӯли солҳои соҳибистиқлолии кишвар насибамон гардидааст, ба шарофати сулҳу ваҳдати миллӣ, иқдому ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаанд, ки мо тоҷикону тоҷикистониён аз он ифтихор мекунем.

Маҳз заҳмату талошҳои роҳбарияти олии кишвар, бахусус Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ аст, ки шаҳри Душанбе дар радифи даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона дар ҷаҳон эътироф гардида, барои сокинону меҳмонон ва сайёҳони хориҷӣ шароити созгору муносиб муҳайё гардидааст.

Ватани ободу зебои мо – Тоҷикистони соҳибистиклол таҳти роҳбарӣ ва сиёсати оқилонаю хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯз то рӯз ободу зебо гардида, нуфузу эътибораш дар арсаи байналмилалӣ бештар шуда истодааст. Вале ин ҳама пешрафт ва ободию шукуфоии кишварро нотавонбинон ва хоинону душманони давлату миллат нодида гирифта, бо ҳар роҳу восита мехоҳанд, ки сулҳу субот ва оромиву осоиштагии кишварамонро халалдор созанд. Бадхоҳони миллат аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ кӯшиш менамоянд, ки ҷавонони ноогоҳу камсаводро ба гурӯҳҳои террористию ифротгароӣ ҷалб намоянд.

Аз ин рӯ, мову шумо омӯзгорони арҷмандро зарур аст, ки донишҷӯёнро дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию умумибашарӣ тарбия намуда, ҳамчун мутахассиси рақобатпазир ба камол расонем, то ин ки онҳо ҳушёрию зиракии сиёсиро аз даст надода, кӯшишу ғайрат ва донишу малакаи ҳосилкардаашонро баҳри пешрафт ва ободию шукуфоии Ватан, мустаҳкам намудани сулҳу ваҳдати миллӣ равона созанд.

## КОНФЕРЕНСИЯИ ҲИСОБОТӢ-ИНТИХОБОТӢ

# ҲХДТ- ҲИЗБИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ

11-уми июни соли 2024 дар толори асосии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Конференсияи 8-уми ҳисоботӣ-интихоботии Кумитаи иҷроияи ибтидоии "Фановар" бо иштироки муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Ҷӯрабек Муродов ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ Абдураҳим Шоҳиён Маҳмадулло баргузор гардид.

Муовини раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии "Фановар" Наҷмиддин Ҳусенов дар бораи фаъолияти кумита дар давраи ҳисоботӣ (аз 17-уми июни соли 2022 то 11-уми июни соли 2024) ҳисобот дод.

Ӯ аз ҷумла иброз дошт, ки Кумитаи иҷроияи ибтидоии "Фановар" фаъолияти худро дар асоси Оиннома, Барномаи ҲХДТ, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" ва дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, иҷроиши қарорҳои Анҷумани 15-уми ҲХДТ, маҷлисҳои Кумитаи иҷроияи марказӣ, Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ва Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанберо асоси фаъолияти худ қарор додааст.

Дар давраи ҳисоботӣ Кумитаи иҷроияи ибтидоии "Фановар" бо мақсади иҷрои супоришҳои роҳбарияти болоии ҳизб ва Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе шарҳу тавзеҳи Паёми навбатии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии мамлакат ба роҳ монда, дар байни тамоми кормандон, омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ силсилавохӯриҳо баргузор намуд. Доир ба Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024, ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз ҷониби СММ эълон гардидани соли 2025 соли умумиҷаҳонии "Ҳифзи пиряхҳо" истиқболи ҷашни Рӯзи ваҳдати миллӣ, 30-солагии Рӯзи Конститутсияи ҷумҳурӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", Рӯзи Парчами миллӣ, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи таъсисёбии ҲХДТ (14-уми декабри соли 1994) корҳои тарғиботӣ бурда, мизҳои мудаввар, маҷлисҳо, ҷамъомад ва сухбату вохӯриҳо гузаронида шуданд.

с. 2

# ҲХДТ- ҲИЗБИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ




**(Аввалаш дар сах. 1)**

Гуфта шуд, ки вобаста ба суханронии Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар давоми як ҳафта бо усули факултет ба факултет бо волидайни донишҷӯён вохӯриҳо гузаронида дар хусуси пӯшидани сару либоси ба мардуми мо бегона, шомил гардидани бархе аз ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгаро ва дигар амалҳои номатлуб изҳори нигаронӣ карда, аз волидайни донишҷӯён даъват ба амал овард, ки фарзандонро дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намуда, дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ватандӯстии шаҳрвандон”, ки 20-уми декабри соли 2022 аз ҷониби Президенти кишвар ба имзо расид, саҳми хешро гузоранд.

Инчунин зикр гардид, ки дар Кумитаи иҷроияи ибтидоии ҳизбии “Фановар”чиҳати сарибаст обуна гардидан ба нашрияҳои “Минбари халқ”ва “Мароми поитахт” диққати аввалиндараҷа дода мешавад ва ҳар як аъзои ҳизб дар баробари дигар нашрияҳо ба нашрияҳои ҳизбӣ масъулияти хешро нишон медиҳанд. Ин буд, ки Кумитаи иҷроияи ибтидоии ҳизбии “Фановар” ба рӯзномаи “Минбари




халк” 350 нусха ва рӯзномаи “Мароми Пойтахт” 300 нусха обуна шуданд.

Соли ҷорӣ, – гуфт маърӯзачӣ, – барои ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ сафарбар намудани хатмкунандагони донишгоҳ, Кумитаи иҷроияи ибтидоии “Фановар” як қатор корҳои фаҳмондадиҳиро ба анҷом расонид, ки дар натиҷа 120-нафар хатмкунанда ихтиёран ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар гардиданд.

Бо мақсади таҷлили ҷашни 27-солагии ваҳдати миллӣ ва 30-солагии таъсисёбии ҲХДТ дар донишгоҳ нақшаи чорабиниҳо тартиб дода шуда, тибқи он то ин муддат як қатор корҳои ободонию созандагӣ амалӣ гардонида шуданд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки Кумитаи иҷроияи ибтидоии “Фановар” як ҷузъи таркибии он аст, ҳамчун ташкилоти ҷамъиятии сиёсӣ тавонист, ки бо ғояҳои созандаву бунёдкорона ва ватандӯстонаву ватанпарварона кишвари маҳбубамонро ободнамояд ва дар гулгулшукуфии он саҳми арзишманд гузорад.



Масъалаи муҳимми дигари конференсия интихоби раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Фановар” буд. Бо пешниҳоди муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати тахсилот Тошматов Махмуд Неъматович ва дастгирии аъзоёни ҳизб ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии “Фановар” интихоб шуд.

Вобаста ба масъалаҳои рӯзномаи конференсия Абдураҳим Шоҳиён Маҳмадулло суханронӣ карда, аз саҳми омӯзгорону профессорони донишгоҳ дар татбиқи дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахусус ҷиҳати саноатикунонии босуръати кишвар, яъне аз кишвари аграрию саноатӣ ба кишвари саноатию аграрӣ табдил додани Тоҷикистони соҳибистиқлол, инчунин ҳамкориҳои судманд ва фаъолияти пурсамари Кумитаи иҷроияи ибтидоии “Фановар”, иштироки аъзои он дар чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ, ҳашару шанбегиҳо ёдовар шуда, фаъолияти ташкилотро хубу арзанда маънидод кард. Шоҳиён Абдураҳим инчунин таъкид намуд, ки вазифаи асосии ҳизб кор кардан ба мафкураи мардум аст. Дар ин раванд, – гуфт ӯ, вусъат бахшидани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ омили хуби пешрафт ва шукуфоии кишвар шуда метавонад.

Ҷӯрабек Муродов зимни суханронӣ аҳли толорро ба муносибати 27-умин солгарди ваҳдати миллӣ, ки дар арафаи он қарор дорем, самимона муборакбод гуфта, аз нақш ва саҳми беназири Президенти маҳбуби кишвар, Раиси муаззами ҲХДТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳу субот, мустаҳкам гардидани ваҳдати миллӣ, ташаббусҳои сатҳи ҷаҳониашон, бахусус дар соҳаи об, пешрафт, ободию шукуфоӣ ва соҳиб шудани обрӯю нуфузи байналмилалии кишварро натиҷаи ҷаҳду талошҳои Сарвари давлат ва амалӣ гардидани Оинномаю Барномаи ҲХДТ арзёбӣ кард.

Дар суханронии собиқадори ҳизб, доктори илмҳои иқтисодӣ Усмонова Тухфа Ҷумаевна ва аъзои ҳизб, муовини ректор оид ба тарбия Ша-




рифзода Исомуддин Умар, ки зимни музокираҳо андешаронӣ карданд, доир ба ғамхориҳои ҳамешагии Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати тамоми қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла занону бонувон, нақши онҳо дар рушди кишвар, мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин, инчунин мулоқоти Президенти мамлакат бо аҳли илм ва маорифи кишвар ибрози андеша карда шуд.

Сипас, дар вазъияти тантанавӣ ба як гурӯҳ омӯзгорони Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи инноватсионии Душанбе» билетҳои ҳизбӣ ва ҷанде аз фаъолони Кумитаи иҷроияи ибтидоии «Фановар» ифтихорномаю сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ тақдим карда шуданд.

Дар хотимаи конференсия ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба меҳмонон барои иштирок ва суханронӣ дар кори конференсия изҳори сипос намуда, иброз дошт, ки ҳизбиёни донишгоҳ минбаъд низ фаъолияташонро дар асоси Оинномаю Барномаи ҳизб ва дастуру ҳидоятҳои Раиси муаззами ҲХДТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, баҳри ободию шукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

**Х. НАҶМИДДИН,**
**Р. МАСЪУД**

# ОМОДА НАМУДАНИ КАДРҲОИ ҶАВОНИ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар таъкид намуданд ки: “Дар арзёбии фаъолияти илмии ҳар як олим ва мавсусан, доктори илм ду меъёр бояд асосӣ ва аслӣ бошад: аввал, натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ, ки посухгӯи ниёзҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон бошанд ва дуюм, тарбияи кадрҳои ҷавон, ки ба саҳм гузоштан дар рушди илми кишвар қодир бошанд” ва дар ин росто Пешвои миллат иброз доштанд, ки тарбияи кадрҳои соҳибмаърифат ва донишманду илмдӯст яке аз масъалаҳои муҳим дар сиёсати пешгирифтаи давлати мо мебошад.**

Инчунин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ барои рушди саноати сабук ва нассоҷӣ дастуру маслиҳатҳои судманд дода, таъкид менамоянд, ки коркарди пурра ва амиқи нахи пахта ва маҳсулоти тайёри нассоҷӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба роҳ монда шавад. Вобаста ба ин, ҳадафи чоруми стратегии миллӣ – Саноатикунонии босуръати кишвар ва солҳои 2022-2026 солҳои рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Пешвои миллат эълон гардид, ки дар ин раванд корҳо амалӣ шуда истодаанд. Дар ҳошияи суханрониҳо ва таъкидҳои бевоситаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мо мутахассисони соҳаи саноати сабукро зарурат пеш меояд, ки дар ин радиф корҳои назаррасро барои рушди соҳа амалӣ намоем.

Яке аз самтҳои асосии мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аҳли илм ва маорифи кишвар ба баррасии масъалаи таъмини сифат ва самаранокии тарбияи кадрҳои илмӣ равона гардидааст.

Вобаста ба ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар кафедраи технологияи маснуоти нассоҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз миқдори умумии ҳайати профессорону омӯзгорон 3 нафар докторони илм ва 9 нафар номзадони илм фаъолият менамоянд, ки донишҷӯён-бакалаврҳо, магистрантон, докторантон (PhD) аз рӯи ихтисос ва унвонҷӯён бо истифода аз дониши устодони варзида баҳраманд мегарданд. Корҳои илмӣ ва ихтирооте, ки аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра ба анҷом расонида шудааст, дар истеҳсолоти кишвар татбиқи худро ёфта истодаанд.

Самтҳои асосии корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедра аз рӯи мавзӯъҳои рушдкунанда, ки ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра фаъолият намуда истодаанд, чунинанд:

– Рушди назарияи хушккунии пахта ва намнокгардонии нах дар асоси мукаммалгардонии технологияи коркарди аввалини ашёи хоми нассоҷӣ;

– таҳия ва тарҳрезии ҷараёнҳои истеҳсолоти ресандагӣ ва таҳлили

# ИНСОНИ ТААССУБЗАДАВУ ХУРОФОТӢ АЗ ДАРКИ ОЗОДӢ БЕБАҲРА АСТ

Дар ҳар кишваре ки таассубу хурофот, нодонӣ, ҷаҳл ва бовармандӣ ба шаклҳои мухталифи истибдод зуҳур мекунанд, дар он сарзамин ҳеҷ ҳаққи озодӣ лабханд нахоҳад зад. Ин ба он маънист, ки озодиро танҳо инсонҳои соҳибдонишу вораста, ки бо кӯшишу талош ва ҷӯёӣ аз роҳи хираду андеша тавонистаанд худу ҷаҳонро шиносанд дарк карда метавонанд. Миллате, ки барои ӯ вақт ва умр арзише надорад, наметавонад моҳияти вуҷуди худро дар олами ҳастӣ ташхис бидиҳад. Ҳамчунин ҳеҷ гоҳ кӯшиш ба харҷ намедиҳад, то ҷойгоҳи худ ва ҷаҳони мавҷудро аз диди арзишӣ баррасӣ намояд, ӯ ҳеҷ замон тан ба фаҳми ҳақиқат нахоҳад дод. Қамве, ки афкори баста ва наандешидану бовармандиро бар шууру андеша тарҷеҳ медиҳад, ҳеҷ гоҳ ба ҳақиқати олами ҳастӣ даст нахоҳад ёфт, зеро ӯ хислати пӯёиву ҷӯёиро, ки асли моҳиятии инсонанд, маҳдуд карда ё аз он даст кашидааст. Инсон будан ин соҳиби хираду андеша ва тафаккури таҳлилӣ будан ва дар ин роҳ ҳамеша ҷӯёву пӯё будан аст.

Вақте инсон хираду андеша, тафаккури таҳлилиро аз даст дод, ё аз онҳо даст кашид, шояд махлуқи инсонмонанд аст, вале он чун бардае дар ихтиёри касон қарор хоҳад гирифт. Инсоне, ки наметавонад фаҳму дарки айнӣ аз ҷаҳон дошта бошад, ба тарзи табиӣ он аз кистӣ ва чистии худ, моҳияти вуҷуд ва ҷойгоҳашро низ дар ин олами нопайдоканор дарку фаҳм карда наметавонад. Ҳама чизро бо соддабоварӣ ва балоҳат қабул мекунад, Нодонию балоҳати худро аз рӯи таассуб ҳамчун ҳақиқати бебаҳси олами ҳастӣ баррасӣ мекунад, ки чунин тарзи рафтору муносибат боиси дар тафаккури мардумони огоҳу донишманд мавриди нописандӣ ва хандахаришу беэътибор шуморидани фард, гурӯҳи иҷтимоӣ ё халқият мегардад.

Қобили зикр аст, ки дарку фаҳми дуруст ва баробар ба айнияту воқеияти олам аз сатҳи омӯзишу парвариш маншаъ мегирад. Ҳар қадар дар барномаи таълимии омӯзишу парвариш, дарки ҳақиқату воқеияти ҷаҳон дуруст инъикос ёфта бошанд ва онон мавриди дарки дурусти хонанда қарор бигиранд, ҳамон андоза ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ ва сатҳи тафаккуру хираддандешии аҳли ҷомеа боло меравад ва тағйир меёбад. Баръакс дар ҳар ҷомеае ки омӯзишу парвариш на дар чорчӯбаҳои илмӣ ва маъруфу шинохташудаи умумибашарӣ ба роҳ монда шуда бошанд, дар он ҷо фаҳм ва дарки ғалат аз ҳаводиси табиию иҷтимоӣ берун омада, бовармандиву хурофаандешӣ авлавият пайдо мекунад.

Фард ва ё гурӯҳи иҷтимоие, ки пайваста дар ҷустуҷӯи чунию чароии ҳаводис аст, ҳамеша метавонад ба дурустии падидаҳо, чи тавр сурат гирифтани онҳо ва қонунмандии дохилии тағйирпазирии онҳо пай бибарад. Ҳар қадар зеҳни фард дорои пурсишҳои бештар бошад, ҳамеша барои дарёфти маълумоти бештар худро ва неруҳои инсонӣ ё хирадии худро сафарбар месозад. Баръакс ҳар қадар инсон ҷустуҷӯгариро аз даст диҳад, ҳамон қадар ҷаҳони маънавиаш хурду кучак мешавад. Танҳо инсони ҷустуҷӯгар аст, ки аз неруи зеҳнию хирадии худ ба тарзи аҳсан истифода мекунад. Посухҷӯиҳо фардро маҷбур месозад, то ҷиҳати дарёфти ҳақиқати падидаю ашёҳо неруҳои инсонии худро сафарбар созад. Баръакс нафароне, ки зеҳнияти ҷустуҷӯгарро саркӯб месозанд, онҳо дар маҳдудуаи фикрӣ боқӣ мемонанд ва ниҳоятан соддабовар ва таассубзадаву хурофотӣ мешаванд. инсоне, ки ҷустуҷугариро аз даст медиҳад дар назараш ҳамеша бутҳои зеҳние месозад, ки тамоми бузургиву шаҳоматро ба онҳо бахшида ба ибораи дигар мадюну мафтуни сохтаҳои зеҳниаш мешавад ва аз худ неруҳои инсонӣ ва моҳияти инсониаш бехабар мегардад.

Қарнҳост, ки мардумони сарзамини мо бо чунин навъи тафаккур худӣ ва ҳувияташро аз даст додааст. Чунин навъи биниш дар тули қарнҳо ҷомеаро дучори сардаргумии ҳувиятӣ ва фарҳангӣ намудааст. Ин гуна тафаккур боиси он мешавад, ки ҳамеша байни ҷомеа ва раҳбарияти сиёсии вақт тафовути зеҳнӣ ба амал ояд.

Дар дарозои таърих (дар назар аст то омадани инқилоби Бухоро) тамоми низомҳои сиёсие, ки сари қудрат омадаанд, онҳо бештар аз маҳдуд кардани тафаккури ҷустуҷӯгар шуруъ намудаанд. Кӯшиш ба харҷ додаанд, то худро ҳамчун нафарони бартар ва то андозае қудсию фарозаминӣ ҷилва диҳанд ва дар чашми мардумон ҳамчун як муъҷизаи осмонӣ ҷилва кунанд. Чунин навъи ҳокимиятҳо бештар аз нодонӣ, соддабоварӣ ва яксонандешӣ суд ҷӯстаанд ва аз ин рӯ ҳеҷ гоҳ кӯшиш ба харҷ надодаанд, то мардумон дорои зеҳнияти ҷустуҷӯгар ва хираддандеш шаванд. Дар бунёд ҳар гуна ҳокимияте, ки мустақар мешавад, он аз номи мардум баромад мекунад, вале бо гузашти вақт онҳо чун дарк менамоянд, ки бедонишию соддабоварӣ ва тафаккури баставу хурофотӣ барояшон манфиатовар аст, ҳамин масирро думболагирӣ мекунанд ва на ба хотири боло бурдани тафаккури иҷтимоӣ, ки он пеш аз ҳама марбут ба абзори ҳувиятсозии миллӣ аст, кор мегиранд, балки баръакс манфиатҳои кучаки замонии худро бар дурнамои рушду таҳкими миллӣ тақвият медиҳанд.

Агар ба ташаккулёбии давлатҳои



миллии аврупоӣ назар афканем хоҳем дарёфт, ки онҳо низ то замони мавҷудияти ҳокимиятҳои теократӣ, бахусус то давроне, ки ҳокимияти сиёсӣ бар дасти руҳониён буд, чунин навъи андешаи баста ва соддабоварию камдонишӣ тарҷеҳ дода мешуд. Аврупоиён низ бо дарки ин нукта ки илму дониш ва дарки ҳақиқати табиат ба онҳо имконияти бештари рушдро муҳаё месозад, тасмим гирифтанд, ки бештар ба сатҳу сифати омӯзишу парвариш таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва онро ба василаи асосии пешбурди миллатҳои худ табдил диҳанд.

Як нукта қобили зикр аст, ки пас аз заволи императории Рим аврупоиён навъи давлатдории миллӣ ва дунявиро рушду такомул доданд. Бадин восита онҳо ба натиҷае расидаанд, ки ҳар қадар афроди миллат донишмандтар, огоҳтар, ҷӯётар ва пӯётар бошад, ҳамон андоза миллат шукуфо мешавад ва пояҳои давлатдорӣ мустаҳкам гардида, иқтидори давлат ҳамчун ниҳоди асосии сиёсӣ чӣ дар дохил ва чӣ дар муносибати байналхалқӣ дорои иқтидори бузург мешавад. Пазируфтани низоми демократӣ ва интихобӣ будани роҳбарияти сиёсӣ низ маҳз ба ҳамин тафаккур алоқамандӣ дорад, ки зеҳниятсозии бутпарастона дар ҷомеа барҳам дода шавад. Ҳар фард бояд дарк намояд, ки ӯ дорои иқтидори бузурги инсонӣ аст ва бо истифодаи дуруст аз ин неруҳои инсониаш метавонад ба бузургтарин шахсият табдил ёбад. Яъне набояд ӯ комилан мадюну мафтуни дигарҳо шуда, асолату моҳияти худро аз даст бидиҳад. Чунин тарзи тафаккур ки аз донишмандони бузурги асри рушангарӣ шуруъ мешавад, тавонистааст дар Аврупо як инқилоби фикриро ба миён оварад ки онҳо бештар ба худ такя кунанд ва ҳар кадоме дарк намояд, ки ӯ дорои тамоми неруҳои бузурги инсонӣ аст, ё ба фармудаи Фридрих Нитше ӯ на як инсони одӣ, балки “абаринсон” ё “фароинсон” аст. Ҳамин навъи зеҳниятсозӣ сабаби он гардидааст, ки мавҷ-мавҷи донишмандон ва ихтироъкорон ва нухбагони фарҳангие зуҳур намоянд, ки аз як тараф мушкили иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаи худро камтар намуда, аз тарафи дигар барои онҳо саодатмандӣ ва ҳамзистии осоиштаро ба миён оваранд.

Баръакс иддае аз ҷомеаҳои шарқӣ ҳамеша мехоҳанд муқаддассозӣ кунанд ва ҳама чизро аз диду тафаккури “муъҷизасон” ҷилва диҳанд. Онҳо ба ҷойи ҳувияти миллӣ ҳувияти динию бовармандиро тарҷеҳ медиҳанд. Дар чунин навъи ҷомеа аввалан наметавон аз ҳақиқати табиату ҷаҳон огоҳии дуруст дарёфт. Инсони орӣ аз дарки дурусти табиату ҷаҳон наметавонад фарди офаринанда бошад ва чизи наверо ба миён оварад. Ҳамчунин фарди ноогоҳ, ки худро нашнохтааст ба дарки миллияту манофеи миллӣ расида наметавонад. Аз ҷониби дигар худи дарку фаҳми миллият низ на ба он фаҳмест, ки бардошти воқеӣ аз миллат онро талаб мекунад. Давлатмардони навъи ҷомеаи таассубиву хурофотӣ бештар кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки манофеи маҳдуди замонии хешро ҳимоят кунанд ва онро тақвият бахшанд. Зеро онҳо чунин меандешанд, ки ҳар замон агар мардум огоҳу донишманд шавад, метавонад бо тавтеае онҳоро аз қудрати сиёсӣ ба поён биёрад ва дар як маҳдудаи замон тамоми ҳашмату бузургии худро онҳо аз даст диҳанд, чунин навъи рафтор ва тарсу ваҳшат дар зеҳнияти элитаҳои ҳукмрони сиёсии баъзе аз кишварҳои шарқӣ чунин хулосаеро ба вуҷуд меорад, ки боястӣ мардум дар нодонӣ, нотавонӣ ва хурофот гирифтор бошанд.

**И. ШАРИФЗОДА,**
**и.в., муовини ректор оид ба тарбия**

# ИЛМӢ ДАР САМТИ САНОАТИ САБУК



муқоисавии хусусиятҳои ресмонҳои гуногуни нассоҷӣ;

– таҳияи сохтор ва технологияи истеҳсоли матоъҳои бисёрқабатаи сохтор ва таъиноташон гуногун (барои таъиноти маишӣ, техникӣ, мебелӣ, полоишӣ, махсус ва ғ.);

– таҳияи технологияи самараноки истифодабарии пурра ва амиқи маҳсулоти кирмакпарварӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳияи асосҳои назариявӣ ва технологии ҷараёнҳои нанорақамӣ дар рангомезии маснуоти нассоҷӣ.

Чуноне ки зикр гардид, айни замон дар кафедра 3 нафар докторант (PhD) аз рӯи ихтисос ва 7 нафар унвонҷӯ зери роҳбарии омӯзгорони кафедра фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ бурда истодаанд, ки қариб ҳамаашон дар арафаи дифои рисолаҳои диссертатсионианд.

Инчунин дастовардҳои илмие, ки ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра тайи панҷ соли охир ноил гардиданд, инҳо мебошанд:

– Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии SCOPUS – 6 адад.

– Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА тақризшаванда – 70 адад;

– Мақолаҳои илмӣ дар маводҳои конференсия – 176 адад;

– монографияҳо – 8 адад;

– патентҳо оид ба ихтироот – 18 адад;

– санадҳои татбиқӣ – 21 адад.

Ин ҳама дастовардҳо ва пешравиҳо аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегирад, ки мо кормандони аҳли илм ва маориф дар кишвари соҳибистиқлол бо шароити хуби корӣ ба сар бурда, кору фаъолияти хешро бе мамоният пеш бурда истодаем ва бо боварӣ гуфта метавонем, ки дар оянда баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дар тайёр кардани кадрҳои ҷавони илмии баландихтисоси дар бозори озоди меҳнат рақобатпазир саҳмгузор хоҳем гашт.

**Фирӯз ҶАЛИЛОВ,**
**номзади илмҳои техникӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи технологияи маснуоти нассоҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.**

# ИММАНУИЛ КАНТ

## МУҚАДДИМА

Мақсади аслӣ ва ниҳоии инсоният - таъмини осудагӣ, рушди фард ва ҷомеа мебошад. Таҷрибаи дунё нишонгари он аст, ки ин ҳадаф фақат тавассути тарбия, таълим ва ҳамчун натиҷаи он - ташаккули рӯҳи инсони комил метавонад амалӣ гардад.

Дар асари дигаргунихои фавкулодаи сиёсӣ, иктисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангие, ки дар се даҳсолаи охир, тавассути Қаҳрамони миллии мардуми тоҷик дар мамлакат ба вуқуъ пайваст, рӯҳи миллӣ дар сарзамини тоҷикон «панохгоҳи худро ёфт ва дар он зиндагӣ мекунад» **(таъбири Гегел).** Акнун барои мо ҳаётан муҳим аст, ки «шуълаи ин шамъи муқаддасро эҳтиёт намоем, ба он ғизои маънавӣ диҳем. Ғамхорӣ кунем, ки хомӯш нашавад. Ва олитарин зуҳурот - шуурнокӣ ва худшиносӣ завол наёбад» **(В.Ф. Гегель. Наука логики: Т.1. -М.: 1974. -С. 81).**

Бояд маълум бошад, ки ин кори осон нест. Осон ҳаст, фақат барои «аҳлхо ва характерҳои рӯякӣ..., ки холигӣ ва донишҳои сатҳии худро ҳамчун афзалият, моил ба мақсад ва натиҷаи фаъолияти интеллектуалии худ қаламдод карданӣ мешаванд» **(таъбирҳои В.Ф. Гегел дар боби сифати андеша. Ҳамон ҷо, саҳ. 82).** Баръакс, ин амал заҳмати системавии дарозмуддат, тахассусмандона ва мақсаднокро тақозо дорад.

Дар маркази ҳалли масъала Инсон, Шахс меистад. Ин кашфиёт нест. Ҳамсин ва ҳамқадами одамизод аст. Ҳар миллат ба дараҷаи рушди тафаккур, талаботи рӯзмарра, пешбинӣ, ояндасозии миллӣ, дидгоҳу тасаввурот оид ба ин омили ҳаётан муҳим, омӯзиш ва тадқиқоти хешро баён кардааст.

Арзишмандӣ ва пойдории миллат баробар ба шумора ва сифати андешамандони миллӣ аст, ки дар сухану амал тавони пешбурд ва таъмини рушди миллиро доранд.

Ҳамин тариқ, мавзуи баҳси мақола таҳлил ва баррасии баъзе аз ақидаҳои файласуфи маъруфи немис Иммануил Кант (1724-1804) оид ба ташаккули тарбия ва ба камол расонидани шахсро дар бар мегирад. Моҳияти масъала, аз тарбия намудан ва ба воя расонидани субъекти воқеии сиёсӣ, ки тавони таъмини манфиатҳои миллиро «дар ин дунёи оҳандил» **(таъбири Ҳофиз)** дошта бошад, иборат аст.

Яке аз принсипҳои асосие, ки И. Кант эҷод ва ба он такя кардааст, «қонуни асоснокии басанда - равон кардани тафаккур ба ҳадди (манзалати) донишҳои воқеӣ (дар амал санҷидашуда)» мебошад. Дар ҳамин асос, олими немис дар ҳама намуди фаъолият, пеш аз ҳама, сохтани инсон, мақсадгузориро дар мадди аввал мегузорад.

## МАҚСАД ҲАМЧУН АСОС БАРОИ ТАШАККУЛИ СУБЪЕКТ

Ҷавҳари давлатро, тавре Арасту таъкид кардааст, Инсон дар бар мегирад. Ба ҳамин хотир, сохтани Инсон аз муҳимтарин лоиҳаи инсон ва албатта, худи давлат мебошад.

Дар чунин лоиҳа мақсадгузорӣ нақши асосиро иҷро мекунад. Яъне падару модар, муассисаҳои таълимӣ, ҷомеа ин ва ё он одамро барои шуғли муайян омода месозанд.

Ҳамин тариқ, мақсади тарбия «саравval ҳамчун натиҷаи ниҳоӣ дар майнаи инсон дар шакли орзу, умед, ният, нақша вуҷуд дорад». Дар чаҳорчӯби тафаккур тасаввур карда мешавад. Хайрият, ки ин амал, дар муқобили дигар мавҷудоти биологӣ инстинктивӣ нест. Бошуурона аст. Ақаллан, ба хотири он ки дар дараҷаи мақсадгузорӣ тасаввурот дар бораи сифати объекти мавриди назар (айни ҳол одам) ва шуғли ояндаи он пайдо мегардад. Муайян мешавад, ки вобаста ба он, ба чӣ гуна таълим, тарбия, таҷриба, санҷиш ва хулосабарорӣ ниёз дорад. Ва таъмини мақсад аз кадом мундариҷа, зинаҳо, шароит ва муҳит, имконот, фазову вақт вобаста аст. Дараҷа ва муҳиммияти мақсади ниҳоӣ - баробар ба масъулияти таъмин ва омода кардани матои инсон аст. Мухтавое, ки барои таъйиноти иҷтимоии шахс мувофиқ, тобовар ва самаранок бошад.

Маҳз дар асараш «Дар бораи педагогика» (соли 1803), И. Кант дар бораи идея сухан ронда, бо ишора ба сохтани инсон таъкид мекунад: «Идея мафҳум дар бораи ба камолот ва рушди муайян расонидан аст, ки то ба ҳол он дар ин поя нест» ва орзу мекунад: «Шояд тарбия зина ба зина ба дараҷаи боло мерасад ва ҳар як насл қадаме ба пеш, барои камолоти инсоният мегузорад» **(Ҳамон ҷо, саҳ. 448).**

Ҷои шубҳа нест, вақте чунин мақсадгузорӣ ҳаст, субъекти масъул эътикодманд аст, ки объекти таъсир (инсон) айни замон комил нест. Ниёз ба барномарезӣ, таваҷҷуҳ ва парасторӣ дорад. Ба тарзи дигар, аз ибтидо то интиҳо - бадастории мақсад заҳмати зиёдро тақозо менамояд.

Тарбияро дар доираи масъулият ва мафҳуми аслӣ наметавон масъалаи шахсӣ номид. Мақсад аз он, пеш аз ҳама манфиати ҷомеа ва муассисаи аслие, ки барои амният ва рушди он ҷавобгар аст, яъне давлат дар назар дошта мешавад. Илм, фарҳанг, маориф, таълим ва тарбия - пойдевори аслии таъмини амнияти давлати миллӣ мебошад.

Он мушкилотро ҳам эътироф бояд кард, ки аз гузоштани мақсад (муайянкунии идея) то расидан ба воқеияти баробар ба натиҷаи дилхоҳ, фосила тӯлонӣ ва ниҳоят мушкил аст. Сабаб он аст, ки муҳити атроф, аз ҷумла алоқаҳо, муносибатҳо, миёнҷигариҳо, воқеияти ҷамъиятӣ, таҷрибаи зиндагӣ, саҳнаи ҳаёт, қонуният ва равандҳои хоси худро дорост. Ҳадаф гоҳо номуайян, ғайриҳоҳиш метавонад зери суол монад.

Ба ин нигоҳ накарда, И. Кант дилгармона таъкид мекунад: «Мақсад - ҳама вақт мавзуи майл, шавқ, рағбат ва машғулият аст. Он мустақиман, тавассути амал ба даст овардани чизеро дар назар дорад. Ҳаммонанди қонун (фармонравоӣ ва таъмини амал - С.Я.) зарур аст, эҳтиром дошта бошад» **(И. Кант. Дин фақат дар доираи ақл. -М.: 1980. -С. 31).**

Олими бузург на ҳама мақсадро барои инсон мусоид ва мувофиқ шуморида, қотеона таъкид мекунад: «Ҳамон мақсадро (оне, ки дар назар дорем - С.Я.) воқеӣ шумориданд мумкин аст, ки Ақл дар назди мо мегузорад» (Ҳамон ҷо, саҳ. 31).

И. Кант хотирнишон месозад, зуҳуроти субъективӣ он аст, ки инсон дар вобастагӣ ба ҳиссиёт, ҷаҳонбинӣ ҷавҳари мақсадро чӣ гуна тасаввур мекунад. Хушбахтии хешро дар кадом шакл дидан меҳоҳад. Аммо гаштаву баргашта таъкид менамояд, ки «мароми олии ҳар шахс бояд некӣ ва некукорӣ бошад. Гарчанде худи мақсад маҷмуи синтетикӣ (баҳамовардашудаи ҷузъҳои тасаввурот - С.Я.) маҳсуб мегардад. Он маҳсули абстраксияи таҷрибаи мусбӣ (санҷидашуда - С.Я.) буданро мадди назар дорад».

Қолиби таваҷҷуҳи маҳз аст, ки мутафаккири сатҳи ҷаҳонӣ ин гуна суханҳоро дар асараш «Дин фақат дар доираи ақл» таъкид месозад. Дар омади сухан, месазад тахти ин ном даҳҳо китоб навишт.

## ОИД БА МАНТИҚИ ТАРБИЯ

И. Кант муътақид аст, ки «ҳама мавҷудот дар табиат, чӣ зинда ва чӣ ғайризинда, тибқи қоида арзи ҳастӣ мекунанд. Об мувофиқи қонуни ҷозиба ҷорӣ мешавад..., моҳӣ дар об, паранда дар ҳаво, ҳама дар асоси қоидаи муайян ҳаракат мекунанд» (И.Кант. Логика. -М.: 1980. -С. 319.).

Аммо файласуфи немис таъкид мекунад, ки чунин тасаввурот дониш нест. Биниш аст. «Агар дар назари мо намояд, ки чунин фаҳмро дарёфтем, мо гуфта наметавонем, ки қонуниятҳои ин тавр шакл гирифтани зуҳурот бароямон маълуманд» (Ҳамон ҷо, саҳ. 319).

Дар ин маврид, Кант байни тасаввуроти омӣ (сода, одӣ, рӯзмарра, авомона) ва донишҳои илмӣ (қонуниятҳои пайдоиш ва тараққии зуҳуроти табиат ва ҷамъият, ки таҷрибаи зиндагӣ онҳоро тасдиқ кардааст) тафовути ниҳоят ҷиддӣ мегузорад. Маҳз ба ҳамин хотир, файласуф ба Одам - хусусияти физиологии ӯ, ҳамчун комилтарин мавҷудоти табиӣ умед мебандад: «Инсон ягона мавҷудест, ки воқеият ва зарурати тарбияи ҳатмии ӯ аз муҳимтарин амал махсуб мегардад. Зери маънои тарбия, мо парасторӣ (нигоҳдорӣ, дастпарварӣ - С.Я.), интизом (истодагарӣ, тобу тоқат, тамкин, худдорӣ, таъмини амали муайяншуда - С.Я.), омӯзиш, ҳамзамон маърифатнок карданро дар назар дорем» **(И. Кант. О педагогике. -М.: 1980. -С. 445).**

Донишманди олмонӣ бовар дорад, ки мавҷудоти биологии ғайри соҳиби шуур, аз замони таваллуд ба тарзи инстинктивӣ барои тозагӣ, ҳолати гигиении худ кӯшиш мекунад. Барои таъмини амнияти худ, то ҳадди имкон, саъй менамояд. Барои мисол, агар бачаи ҳайвон ҳангоми таваллуд гаштан бо овоз (мисли гиряи кӯдаки навзод) дар бораи ба дунё омадани худ дарак медод, дар шароити ҷангал ягонтои онҳо зинда намемонд. Туъмаи дигар ҳайвонҳо мегаштанд. «Дуруст аст, ки бисёре аз ҳайвонот ба ғизо ниёз доранд, аммо на ба парасторӣ» (Ҳамон ҷо, саҳ. 445). Новобаста аз он ки бо таваллуд гаштани одам - мукаммалтарин ҷузъиёти табиӣ рӯи олам меояд, он ба ғамхорӣ, нигоҳубин, тарбияи ниҳоят ҷиддӣ ниёзманд аст. «Зери маънии «ғамхорӣ» кӯшиш ва заҳмати падару модар дар назар дошта мешавад, ки фарзанд натавонад қувва ва имконоти худро бар зарари худ истифода намояд» (Ҳамон ҷо, саҳ. 445)».

## МАВҚЕИ ШАХС ДАР ТАРБИЯ

Файласуфи машҳур, ки фаҳм ва дарки мантиқи сухани илмии ӯ дар мавзуоти табиат, ҷамъият ва тафаккур ниёз ба истифода аз фарҳангҳои тафсирии илмҳои гуманитарӣ, дақиқ ва пешомӯзии чандин адабиётро дорад, дар мавзуи тарбияи инсон кӯшиш мекунад мақсадашро хеле одӣ, бо мисолҳои равшан ба хонанда расонад.

Ӯ дар мавҷудоти биологии бешуур зарурати ҳатмии тарбияро намебинад. Тавре хотиррасон гардид, онро туҳфаи табиат, ҳамчун инстинкт мешуморад. Аммо нақши Одамро дар тарбияи шахс ниҳоят бузург меҳисобад. Ва медонад, ки «ҳеҷ кас тасодуфан инсони нек нагаштааст» **(Афлотун).** Олими немис дар муқоиса бо ин ду зуҳуроти биологӣ ҳам, имкон барои мисоли ибратомӯз пайдо мекунад. Кант муътақид аст, ки ҳайвонот аз якдигар ҳеҷ чизеро намеомӯзанд, ба хотири барномарезӣ шуданӣ амали онон аз нигоҳи ирсият, аммо ба ғайр аз парандаҳои хушхон. Ба ақидаи ӯ, агар тухмҳои гунчишкро зери боли булбул гузоранд, ҳангоми чашм ба дунёи ҳастӣ кушодан онҳо дар ҳақиқат гунчишк мемонанд, аммо сароянагии булбулро шунида, ҳамчун натиҷаи таълим, якумр ба он тақлид мекунанд. На ба авлоди худ - гунчишк. Кант таъкид менамояд: «Онҳо сурудхониро аз калонҳояшон меомӯзанд. Мароқангез аст. Гӯё дар мактаб бошад. Парандаи бузург бо тамоми қувват назди бачаҳои нав аз тухм баромадаи худ месарояд. Парандаҳои навзод бошанд, бо гулӯи ниҳоят заифи хеш он гуна овозҳоро аз худ мебароранд.... Ҳамин тариқ, чун анъана парандаҳо аз насл ба насл садоҳои худро ба якдигар меомӯзонанд» (Ҳамон ҷо, саҳ. 447).

Хулосаи олими машҳур он аст: «Бояд таъкид сохт, ки одамро фақат Одам тарбия мекунад - одаме, ки айнан мисли худаш тарбия гирифтааст» (Ҳамон ҷо, саҳ. 448 ).

И. Кант дар бораи сифати одаме, ки касеро роҳ нишон медиҳад, ислоҳ карданӣ мешавад, раҳбарӣ ва тарбия мекунад, ниҳоят сахтгир аст: «камбудие, ки дар таъмини интизом ва тарбияи баъзеҳо содир карда мешавад, дар навбати худ шахсро тарбиятгари бад... мегардонад» (Ҳамон ҷо, саҳ. 447). Мантиқи аслии талаботи файласуфи бузург масъалаи мураббӣ, муаллим ва тарбиятгар аст. Устодро И. Кант меъмори бузурги қасри манзалати маънавии инсон мешуморад.

Албатта, ҳар кас нишона, баранда ва давоми умри маънавии авлод ва падару модари хеш аст. Муҳим он аст, ки тарбияи фарзанд дар ихтиёри ашхоси тасодуфӣ наафтад.

Таърихи миллатҳо ҳазорҳо мисол дорад, ки ҳангоми ба дасти ашхоси ифротӣ афтодани фарзандон, онҳо на танҳо ба бегонагон, балки ба падару модар ва хоҳару бародари хеш раҳм накардаанд. Қотили падару модар ва хоҳару бародари хеш гаштаанд. Сари Мирзо Улуғбеки 56-соларо, 27-уми октябри соли 1449 дар Самарқанд, ҳангоми адои намоз, фарзандаш Абдулатиф вахшиёна бо ханҷар аз тан ҷудо кардааст. Ҳисси таассуби динӣ бар қотил аз меҳри фарзандӣ, муносибати эҳтиромона ба яке аз бузургтарин олимони риёзидон, ситорашинос, ки дар қатори шаш донишманди сатҳи ҷаҳонӣ дар Аврупо эътироф гаштааст, шахсияте, ки зиёда аз 40 сол амири Мовароуннахр буд, ғолиб омадааст.

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки устоди

# ВА ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ

Мирзо Улуғбек олими машҳур ва шоири шинохта Ориф Озарӣ ва устоди писари қотилаш шахси ниҳоят мутаассиби дин Аббос буд. Барои асоснокии қатли падар, писар аз муллоҳои замон фатвои хаттӣ ҳам гирифтааст. Ба тарзи дигар, амали манҳуси чиноятккорона на дар ҳолати саросемагӣ, ҳиссиёт, қаҳру ғазаб (аффект), балки мақсаднок, бошуурона роҳандозӣ гаштааст. Маҳз ба ҳамин хотир, И. Кант таъкид кардааст: «Тарбиядидаи бадахлоқ, шахсияти бадахлоқро тарбия мекунад» (Ҳамон ҷо, сах. 451).

Дар рӯзҳои мо Алӣ Сакра, ҷавони 20-сола, узви «Давлати исломӣ», дар шаҳри Раққаи Сурия, тибқи фармони роҳбари дастаи террористӣ, бо истифода аз силоҳи оташфишон модари худро, ки муқобили бедодгариҳои писараш ва ҳаммаслакони ӯ ибрози норозигӣ карда буд, дар майдони марказии шаҳр, намоишкорона ба қатл расонид. Ва ин наворро маҳз ба хотири пайравӣ кардани дигарон ба ин амали ваҳшиёна, дар саҳифаҳои интернетӣ гузошт.

Баъд аз ин, чӣ гуна метавон дар бораи шахсиятҳои бузурги таърихии миллати тоҷик мисли Осимӣ, Исҳоқӣ, Ғуломов, Ҳайдаршо, Шерализода, Латифӣ, Олимпур, Назаршоев ва ҳазорҳо нафар орифони кишвар, ки дар аҳлу хирад, илму дониш ифтихори сарзамини тоҷикон буданд, сухан гуфт. Онҳо бо супориши бегонагон, аз ҷониби фарзандони ҳамин миллат кушта шуданд. Ин нақшаҳоро душманони миллати тоҷик бо дасти худи тоҷикон амалӣ карданд. Роҳбарони маҳаллии ин гурӯҳҳои террористӣ, худ дуруст хондаву навишта наметавонистанд. Дар ҷамъият, ҳатто дар хонадони худ, одитарин эҳтиром ва манзалат надоштанд. Мисли воқеияти имрӯз.

Мақсади Заҳҳок рабудани ақлу хиради инсонӣ буд, тавассути морон. Ҳанӯз ҳам ин нақшаҳо хеле дақиқ, беш аз пеш фаъол ва боиси нигарониانд. Мубориза байни торикӣ ва рӯшанӣ, ҷаҳл ва дониш, некӣ ва бадӣ, садоқат ва хиёнат, ҳақиқат ва дурӯғ мавзӯъҳои абадӣ ва беохири таърихи инсоният ҳастанд. Аммо,

**Ҳар, ки бо душмании халқ равон**
**аст чу бахр,**
**Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб**
**хӯрад.**
(Сайидо)

## ИНТИЗОМ ДАР ДОИРАИ ТАРБИЯ

Муҳимтарин истилоҳе, ки И. Кант дар мавзуи тарбия ва ташаккули шахсият истифода мебарад, «интизом» аст. Яъне меъёрҳое, ки қоидаҳои рафтори шахсро ҳамон тарзе, ки ҷамъият эътироф кардааст, ба таври дигар, риояи низом, тартиби муайянгашта дар назар дошта мешаванд.

Файласуфи маъруф барои таъкид ва тақвияти фикри худ ба хотири он, ки хонанда ба мантиқи сухани ӯ ҳарчӣ амиқтар ворид гардад, амали инсонро ба рафтори ҳайвон дар муқоиса мегузорад. Яъне, «яке аз методҳои асосии мантиқии донистани олами беруна ва арзишҳои маънавӣ. Дарки ҳама гуна предмет ва зуҳурот аз он оғоз мешавад, ки мо онро аз дигар предметҳо фарқ мекунем. Умумияти онҳоро муайян месозем» **(С. Кондаков. Логический словарь-справочник. - М.: 1976. -С. 232-233).**

Файласуфи бузург вазни семантикии ин калимаро нишонрас, принсипиалӣ, мақсаднок ва муътақидона кор мефармояд: «Интизом, ё истодагарӣ (тобу тоқат, таҳаммул, тамкин - С.Я.) инсонро аз ҳолати ҳайвонӣ мебарорад» (Ҳамон ҷо, сах. 445).

«Интизом» дар доираи фаҳми И. Кант, қоидаҳои рафтори шахс мебошад, ба пуррагӣ ба он талаботе, ки ҷомеа ниёз дорад, муқаррар намудааст, мувофиқат мекунад. Инсон ҷузъи ҷомеа аст. Ва дар амали худ, зарур аст манфиатҳои онро ба инобат бигирад. Албатта, бидуни шак, одам дар ҷомеа мухторият, мустақилият ва ташаббусро дорост. Аммо ин сифатҳо дар доираи азбаркунии маърифат, ки фақат дар асосҳои илмӣ сурат мегирад, манфиатҳои миллиро бояд дар назар дошта бошад. Агар ҷузъиёти биологии муқобили инсон тибқи инстинкт амал кунад, «дар бораи ӯ табиат ғамхории ирсиро таъмин карда бошад, барои инсон зарур аст, ки худаш ақл дошта бошад. Фақат ба он такя намояд. Инсон инстинкт надорад, худи ӯ нақшаи амалашро коркард ва муайян месозад».

И. Кант нақши тарбиятгарро муҳим дониста, таъкид карданӣ мешавад, модоме, ки инсон аз рӯзи аввали чашм ба дунё кушодан дар ҳолати ғайриқобили худкифоӣ аст, ниёзи зарурӣ ба парасторро дорад. Файласуфи олмонӣ бо умед хотирнишон карданӣ мешавад, ки «банни одам тавассути заҳмати худ, давра ба давра, бояд кӯшад то дар худ сифатҳоеро ба бор орад, ки мансуб ба табиати одамӣ бошанд». Муҳиммияти масъаларо на дар бозгашт, ақибравӣ, пасмонӣ, балки дар рушди доимии инсон мебинад. Ба монанди он ки сароғоз одам ҳамчун ҷузъи маҳсули таҳаввулоти биологӣ аз доираи ҷоҳилӣ, ваҳшоният ба фарҳангсолорӣ, маданиятпарварӣ ва дунёи тамаддунӣ ворид гаштааст. Хулосаи олими барҷаста он аст, ки хирад ва таҷрибаи зиндагӣ, мафҳумҳои устувори ба наслҳо, ба мерос гузошта мебошанд. Сухани И. Кант давоми мантиқии лафзи бузурги Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аст, ки мардумони бохирад дар ҳар давру замон маърифат, донишро гирд карданд, гиромӣ доштанд ва ба наслҳои оянда пешкаш намуданд (Ҳамон ҷо, сах. 444). Яъне, ҳар давра ба дӯши одамони замони худ масъулияти бузургро вогузор мекунад. Онҳоро масъул месозад. Набояд шубҳа кард, ки олими немис дар ин маврид бозгашт ба «гузаштаи ноб»-ро дар назар дорад. Он мантике, ки ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон асос гузошт, идеологияе, ки бисёре аз манотиқи мусулмонниишинро ба хонаи «бедоду ситам», «маҳкамаи ҷабр» ва «мазористон» (таъбирҳои С. Айнӣ) мубаддал сохт. Ин гуна тарзи тафаккур ба характери миллии мардуме, ки «манзалати дили дунёи куҳани мутараққиро бо илми хештанофаринӣ, на бо ормонҳои бепояи бегонапарастӣ касб кардааст (таъбири Х. Моргентау дар ворастани Пруссия аз таъсири Папаи Рим), хос нест.

Баръакс, хатари бозгашт ба ҳолати ваҳшоният И. Кантро доим хавотир мекунад. Маҳз ба ҳамин хотир таъкид менамояд, ки дар ҷавҳари инсон табиати ваҳшигӣ доимо боқӣ мемонад, аммо «интизом намегузорад, ки одам аз таъйиноти худ, ҳамчун инсон, ба он ҳолат бозгардад» (И. Кант. О педагогике. -М.: 1980. -С. 446). Ба андешаи ӯ, «низом ҳаст, ки инсонро аз ваҳшонияти халос мекунад».

Файласуф таълимро ҷузъи тарбия мешуморад. Онро қисмати ниҳоят муҳим ва фоидаовари тарбия медонад. Аммо ақл, хирад, маънавиёти инсониро дар маддӣ аввал мегузорад. Онро асоси зиндагӣ меҳисобад. Омили дигари расидан ба хушбахтӣ ва комгориро намебинад. Баръакси ин амалро фоҷиабор арзёбӣ мекунад. Ҳамнавои ин фикр аст: «барои он ки инсон ба тарзи шоиста зиндагӣ кунад, ӯ бояд Ақлро пеша намояд, вагарна роҳи халосӣ ҳалқа мемонад» (Диоген Синопский, файласуфи Юнони қадим).

И. Кант, ҳамчун шахсияти содиқ ба анъанаи илмпарварӣ, маърифатсолорӣ ва дақиккории мардуми хеш, ки аз худ намунаҳои бузурги ақлонии инсониятро, ҳам дар илмҳои дақиқ ва ҳам дар соҳаҳои гуманитарӣ, дар хидмати ҷаҳониён гузоштааст, риояи қонун, тартиб ва низоми давлатиро дар ҷойи аввал мегузорад. Берун аз қонун зистанро барои инсон таҳқир ба худи инсон мешуморад: «Ваҳшигарӣ - берун аз қонун зистан аст» (Ҳамон ҷо, сах. 446). Дар ин раванд, ба ҳаётан муҳим будани интизом таъкид мекунад: «Интизом маҷбур мекунад, ки инсон дар чаҳорчӯби қонуни инсонгарӣ зиндагӣ кунад ва ҳукумати қонунро дарк намояд» (Ҳамон ҷо, сах. 446).

И. Кант таъкид месозад, ки бо гузашти айём инсон дар назди худ ҳисобот медиҳад. Аз сарчашмаҳое, ки таълим гирифтааст, тарбия дидааст, ёдовар мекунад. Камбудӣ ва муваффақияти зиндагии худро дар назди виҷдонаш таҳлил ва арзёбӣ менамояд. Хулоса мебарорад: «Одаме нест, ки дар овони навраси ва ҷавонӣ бепарастор монда бошад. Дар синни камолот инро худаш мушоҳида мекунад: ҳам камбудиро дар интизом ва ҳам дар пояи бархӯрди фарҳанги зиндагӣ». Баҳои файласуф дар ду қисмати муҳимтарини зиндагӣ ба характери миллии ӯ ҳамчун олмонӣ, мушаххас ва қотеона аст: «Камбудӣ дар интизом - бадии бузургтаре аст нисбат ба норасоӣ дар фарҳанги рафтор. Охиринро метавон батадриҷ ислоҳ кард. Аммо ваҳшигиро наметавон решакан намуд. Беинтизомро дар синни камолот ислоҳ кардан ғайриимкон аст» (Ҳамон ҷо, сах. 448).

Ба ақидаи файласуфи бузург, мантиқ ва муҳтавои интизом, оне ки ӯ дар муваффақияти ҳар амал омили аслӣ мешуморад, бояд хеле барвақт вориди батни инсон гардад.

Ба фикри ӯ, одам аз хурдӣ, аз наврасӣ зарур аст эҳсоси ҷиддӣ кунад, ки дар зиндагӣ на ҳама чиз барои ӯ иҷозат дода мешавад, ки дар тасаввур ба дарачаи майлу хоҳиши ӯ меғунҷад. Ҳаётан муҳим аст, ки ин ақида як умр дар зершуур, дар ҷаҳоншиносии ӯ, дар муносибат ба атроф маҳфуз бошад. Инсон дар ягон ҳолат андоза, меъёр ва ҳадди амалро фаромӯш накунад. И. Кант дарки ин фаҳм, натиҷаи чунин тарбияро аз илм ҳам болотар мешуморад. Маҳз ба ҳамин хотир иброз медорад: «Дар аввал кӯдакро ба мактаб на барои он мефиристанд, ки онҳо чизеро омӯзанд. Барои он равон мекунанд, ки наврасон, аз ҳама муҳим, батадриҷ ба ором нишастан одат кунанд. Дақиқан он тартиберо риоя намоянд, ки барояшон муайян шудааст» (И. Кант. О педагогике. -М.: 1980. -С. 445). Баъдан, сабаб ва муҳтавои ин гуна талаботро хулосабандӣ карда, файласуфи маъруф хотиррасон мекунад - ҳамаи ин корҳо маҳз ба хотири он аст, ки «... дар оянда инсонҳо, ҳатто ба майнаашон наояд, натавонанд тасаввур кунанд, ки барои онҳо ҳар кореро дилашон мехоҳад, эб (муносиб, мувофиқ, сазовор, арзанда) дониста мешавад, раво бинанд».

Тавон ва дар арсаи вақт қудрати даст кашидан аз амали ғайри қобили қабулро барои инсон, шарт ва натиҷаи муҳими тарбияи инсон мешуморад.

## ШАХС ВА ҶОМЕА

Тавре ки маълум аст, аз замонҳои қадим муносибати шахс ва ҷомеа аз мавзӯоти муҳимтарини илмҳои ҷамъиятшиносӣ махсуб мегардад. Он дигар илмҳои инсониро низ дар доираи салоҳияти худ дар бар мегирад.

Ақидаҳо дар ин маврид гуногунанд. Кӯшиши мутлақияткунонии бартарии муносиботи субъектӣ - объектӣ ва баръакс ба назар мерасад.

И. Кант барҳақ хулосабарорӣ мекунад, ки одам, табиатан, майли ниҳоят ҷиддӣ ба озодрафторӣ дорад. Ӯ муътақид аст, ки мухторияти амалро ҳар кас дар доираи эҳсос, дарк, фаҳм, ҷаҳонбинӣ, хислат, масъулият ва дониши худ тасаввур менамояд. Худро ҳақ мешуморад. Аз рӯи он амал карданӣ мешавад. Аммо олими немис зидди мутлақсозии ин муносибот аст. Ӯ бовар дорад, ки асоси ҳама гуна муносибатро манфиат ташкил мекунад. Тарбия низ бояд инро ба назар бигирад. Бидуни чунин ҷузъиёт тарбия наметавонад пурра ва муассир бошад. Мавқеи Кант дар ин маврид ниҳоят ибратомӯз аст: тамоми кӯшишро бояд ба харҷ дод, ки мантиқи омӯзиши «манфиат»-и шахс ба тарзи ҳатмӣ манфиати умумиинсониро дар назар дошта бошад, барои он ки «дар бораи хушбахтии дигарон кӯшиш карда, мо хушбахтии хешро дармеёбем» (Афлотун).

Ба хотири он ки одам ба эътироф ва ба назардошти чунин манфиат одат кунад, онро чизи ҳатмӣ шуморад, «ба ин низом бояд аз овони хурдӣ одат кунонида шавад. Вагарна дер мешавад, ислоҳи ӯ имконнопазир мегардад. Дар ӯ эҳсоси худписандӣ, мағрурӣ, ман-манӣ ғолибият пайдо мекунад» (И. Кант. О педагогике. -М.: 1980. -С. 446).

Чунин муносибат тасдиқи суханҳои Саъдӣ аст, ки мефармояд:

Ҳар кӣ дар хурдияш адаб накунанд,
Дар бузургӣ фалоҳ аз ӯ бархост.
Чӯби тарро чунонки хоҳӣ, печ,
Нашавад хушк ҷуз ба оташ рост.

(С. Шерозӣ. Гулистон. -Д.: 2008. -С. 163).

**(Давом дорад)**

**С. ЯТИМОВ,**
**доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Бознаш аз нашрияи «Ҷумҳурият»**

# РАНҶИ МОДАР

Фалак бас муаммоҳо дорад, ки модарро Худо меофарад, инчунин фариштае ба замин мефиристад ва номи ӯро модар мегузорад. Модар бо розигии ӯ ба дунёи ҳастӣ фарзандро меофарад. Пас таҳаммул бояд кард, ки мартабаи Модар то чӣ андоза бузург мебошад, ки барои ба дунёи ҳастӣ овардани фарзанд, худ қариб ба он дунё рафта меояд. Ҳолатҳое мешавад, ки барои раҳо намудани ҷони тифлаш ҷони худро фидо мекунад. Барои каси дигар шуда нисор намудани ҷони худ на ҳар кас қодир мебошад. Модар бузургтарин сарват ва неъмат дар ин дунёст. Вале афсӯс, ки на ҳар кас ба қадри ин сарвати бебаҳо расида метавонад. Инро вақте ки одам ба воя мерасад худ падар ва ё модар мешавад, ба ҳаёти мустақил қадам мемонад, дарк менамояд. Хуш давлати касе, ки волидони худро дар синни пиронсолӣ дарёбад. Агар ба таърих бо чашми хирад назар намоем ҳар як асрро, ҳар як санаи таърихро бо шахсиятҳои бузурги ӯ мешиносем. Ҳар як шахсияти бузургро модар ба дунё овардааст. Агар ҳама аз дарёҳои олам рангдон ва аз ҳамаи дарахтон қалам созем ва дар васфи модар китобҳо нависем, барои тавсифи Модар камӣ мекунад. Меарзад, ки волидонро эхтиром намоем. Оид ба бузургӣ ва хурмати падару модар дар ояти бисту сеюми китоби муқаддаси "Қуръони Карим" чунин омадааст: "Бо падару модар накукорӣ кунед. Агар бирасад назди ту ба калонсолӣ яке аз онҳо ё ҳар ду дар вақти хидматашон магӯ барояшон калимаи "Уф"-ро ва дигар ин ки садо баланд макун дар назди онҳо (яъне бо овози баланд ба онҳо гуфтугӯ макун), балки бигӯ ба онҳо сухани нарму мулоим". Вале, афсӯс, ки на ҳама аз рӯйи ин гуфтаҳои китоби муқаддас амал мекунанд.

Ёде аз саргузашти тифлиҳои худ меорам. Мо дар оила чор бародарон будем, додари хурдиам панҷсола буд. Падар ба мо бисёр меҳрубон ва ягона сарпарастамон буд, пайваста моро насиҳат мекард, ки хонед, худ механизатори колхоз буд. Бисёр меҳнат мекард, бо вуҷуди серкорӣ, барои назорати хондани мо вақт ҷудо мекард. Вақте ки синни ман ба ёздаҳ расид, падарам мубталои дарде шуд. Дарди ӯ бедаво буд. Ба назди тамоми табибон мерафт, баъди ду сол ин дард ӯро аз по афтонд. Фалак бар мо раҳм накард, саршавии соли хониш буд, ӯ дунёро падруд гуфт. Ба мо на молу мулк, балки хотираи нек ва номи ятимиро мерос гузошт. Вазнинтарин рӯзҳо ба сари мо омад. Мо чор ятими гирёну нолон мисли чӯҷаҳо дар гирди модари худ будем, акнун раҳнамои мо танҳо модари азизамон буд. Ман ҳозир тасаввур мекунам, ки барои модарам чӣ хел бори сангин буд. Рӯзи рӯшан дар назари ман ҳамчун фарзанди калонӣ, гарчанде ки сенздаҳсола будам, шаби тор гашта буд. Шояд ин аввалин санҷиши Худои меҳрубон барои мо буд:

*Санҷид моёнро Худо,*
*Шуд қиблагоҳ аз мо ҷудо.*
*Бинҳуфт ӯ дар хоки тар,*
*Садпора шуд моро ҷигар.*

Дар кӯча ва мактаб доим сари мо хам буд, гӯё аз чизе кам будем, чизеро меҷустем, чизе ба мо намерасид. Дар ҳақиқат барои мо силлаи дасти падар намерасид, агар падаре дар пеши мо сари писари худро силла мекард, об аз дидаи мо шашкатор буд. Ба мо навозиши падар намерасид. Акнун модар барои мо ҳам падар буду ҳам модар, ҳам сарпаноҳ. Модарам фақат якто ака дошт ва ӯ қуввати дили модар буд. Моро ва модарамро дилбардорӣ менамуд ва ба мо ёрдам мекард. Аз ҳисоби падарам нафақаи ночизе мегирифтем, ки фақат барои орду равған мерасиду халос. Ба ҳамин ҳам шукрона мекардем. Баъди як соли фавти падарам *фалахмони фалак мири ғазаб шуд, ба чашми хунгирифта хунталаб шуд.* Тағоям, ки ронанда буд, ба садамаи автомобилӣ дучор гардида ба ҳалокат расид, барои модарам ин ғам болои ғам буд.

*Ҷафотире халид бар қалби модар,*
*Дар умраш дошт ӯ якто бародар.*
*Ҳамон соле, падар падруди мо гуфт,*
*Тағо ҳам рафту андар хок бинҳуфт.*
*Ба модар ин ғаме болои ғам буд,*
*Ду чашмаш гӯиё сарҷӯи нам буд.*
*Ба қибла рӯю дасташ бар само буд,*
*Мададҷӯе зи дарбори Худо буд.*
*Гузар афтодаш ар сӯйи мазоре,*
*Ба шохе баста латта чу туморе.*
*Худоро баҳри моён зора мекард,*
*Ту гӯӣ , хешро садпора мекард.*
*"Худоё" тифлаконамро нигаҳ дор,*
*Мани афтодаро аз хок бардор.*

Сарпаноҳи мо – чор ятим ба ғайр аз модар дигар ҳеҷ кас набуд.

*Ба ёру акрабо бегона гаштем,*
*Барои зумрае афсона гаштем.*

Модар ҳаррӯза ба мо насиҳат мекард, ки ростгӯ, ростқавл ва доим сарҷамъ бошед, фақат хонем босавод шавем. Ҳар саҳар моро бо дуои худ ба мактаб гусел мекард. Баъди дарсҳо омада ба кори колхоз мерафтем, бегоҳӣ сарҷамъ шуда дарсҳоро тайёр мекардем. Натиҷаи ҳамин буд, ки дар мактаб бо баҳои аъло мехондем. Дар он давра аз ҳисоби давлат дар мактаб ба ятимон сару либос медоданд, вале барои мо қабул кардани онҳо нанг буд, мо онро қабул намекардем, зеро бо нанги кӯдакона худро аз дигарон кам намешуморидем. Бо дуои модар ва дилбардории ӯ қариб дар ҳамаи олимпиадаҳои фаннӣ, бахусус, аз фанҳои математика ва физика иштирок карда соҳиби ифтихорнома ва диплом мешудем. Дилбардорӣ ва дилгармии модар буд, ки баъди хатми мактаб ман ҳуҷҷатҳоямро ба факултети энергетикии Институти политехникии Тоҷикистон супурда, ба хона баргаштам ва додарҳоямро сарҷамъ намуда, суҳбат гузаронида гуфтам, ки барои хурсанд кардани модарамон мо бояд ҳама соҳиби маълумоти олӣ шавем. Ман аз барои нанги замона ва хурсандии модар барои исботи ин гуфтаҳо ба Институти политехникии Тоҷикистон дохил шудам. Натиҷа ин буд, ки дар ҳамон давра яке аз аввалин ихтисосманди соҳаи энергетика бо маълумоти олӣ дар колхоз будам. Бо дуои модар ман донишҷӯ шудам ва донишгоҳро хатм намудам. Додарҳоям паси якдигар яке Институти педагогии Кӯлоб ва дуи дигар Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шохтемур), яке факултети гидромелиоративӣ ва дигаре факултети агрономиро хатм намуданд. Додарҳоям варзишгарони хуб ва чемпионҳои бисёркаратаи ҷумҳуриявӣ дар намудҳои гуногуни гӯштин буданд. Баъди хатми институт ман дар шабакаҳои барқии Кӯлоб кор мекардам. Якбора се донишҷӯро хонондан барои модар бисёр мушкил буд. Ҳамаи ин муваффақиятҳо аз дуои неки модар буд. Ҳақ аст сухани он бузурге, ки гуфтааст: Фақат модар қодир аст, ки бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар дунёро ҷунбонад.

*Дуо мекард, то хорӣ набинем,*
*Ба роҳе умр озоре набинем.*
*Хирадро раҳнамои умри мо кард,*
*Фалак ҷабру вале модар вафо кард.*

Дар ин вақт модари бечораам бемор гашт. Дар саршавии бемориаш маро хонадор кард. Он замон ман соҳиби фарзанд шуда будам, яксола нашуда буд. Барои ман мушкилии сахт буд, ки ҳам модарамро табобат мекардам ва ҳам се нафар донишҷӯро меҳонондам. Модарамро пеши тамоми табибҳо бурдам, вақте ки ба беморхона бурдам, моро барои ташхис ба Душанбе равон карданд. Баъди ташхис духтур дар алоҳидагӣ даъватам намуда хулосаи ташхисро ба ман гуфт, ки модарат гирифтори бемории саратони меъда аст. Ман баъди шунидани ин хабари ноҳуш дар ҳолати беҳушӣ афтодам, ба худ омада наметавонистам, ки ором шавам. Зориву тавалло намудам, ки маро ҷарроҳӣ карда, меъдаамро ба модарам гузоред, ҷони ӯро раҳо кунед. Аммо ягон илоҷе набуд. Он рӯз даҳшатноктарин рӯзи ҳаёти ман буд. Хостам бо ин амал аз ҳазор як ҳиссаи қарзи фарзандиамро иҷро намоям, зеро зиндагӣ бе модар бароям маънӣ надошт. Вале сад афсӯс, ки дар он вақт (аввали солҳои ҳаштодуми асри гузашта) ин корро номумкин гуфтанд. Вақте ба ман гуфтанд, ки азизтарин одами туро рӯзҳои башумори умр боқӣ мондааст, рӯзи сафед дар назарам шаби тор гашт. Баъди ин ташхис модарамро ба хона овардам (ӯ аз хулосаи ташхис огоҳ набуд) дар назди ӯ ман худро ором мегирифтам, то метавонистам, лекин дар танҳоӣ шабро бо гиря рӯз мекардам. Вай харобу лоғар шуда буд. Ман шабҳо дароз бо гиря китобҳои Абуалӣ ибни Синоро, ки дарёфт карда будам, варақ зада меомӯхтам, фикр мекардам, ки шояд муъҷизае шавад, ки ягон гиёҳи табобатиеро дарёфт намоям, то боиси дармони модарам шавад. Вале сад афсӯс, хоҳиши мо ба хости фалак мувофиқ намеояд. Вайро рӯйи даст бардошта дарун ва берун мебурдам, якчанд маротиба ӯ маро фарзанди меҳнатиам гуфта ном бурд, ки ин сухан то ҳоло тасаллои дили ман мебошад ва то ҳол он дар гӯшам садо медиҳад. Рӯзи аз ҳама даҳшаттарин ва мушкилтарини ҳаёти ман рӯзи 8-уми феврали соли 1982 буд, ки баъди маро дуо додан, модарам дунёро падруд гуфт, то як моҳ мондан ба синни чилу чор солагиаш. Ин боз як санҷиши вазнини фалак барои мо буд. Лекин, Худо ба мо сабри Аюбиро ато кард.

*Ба тифлӣ аз падар гардида маҳрум,*
*Дар ин дори дудар будем раҳгум.*
*Ба ҷояш модари мо раҳнамо шуд,*
*Зи ҷабри ин фалак ӯ ҳам фано шуд.*

Баъди сари модар барои ман басо мушкил афтод, зеро ки модар маро дуо дода васият карда буд, ки додарҳоятро босавод кун, тағи пар кун, ки хор нашаванд. Ман ҳамаи хоҳиши ӯро ба ҷо овардам. Ҳамаи додарҳоям соҳиби маълумоти олӣ, соҳиби вазифаҳои калон, соҳиби обрӯ шуданд. Хешу таборҳо низ ошно шуданд. Давоми бисту панҷ сол зиёд ҳафтае як бор зиёрати сари гӯри модарам меравам, ҳар як зиёратамро то ҳол дар сари гӯри модарам бо оби дида мегузаронам. Меҳри падар ва модар маро шеърнавис кард. Ҳангоми зиёрат дар сари гӯри модар мегӯям:

Мутаассифона, аксар вақт мо инсонҳо вақте ба қадри падару модар мерасем, ки дар ҳаёт нестанд...

*Гаҳе бар ёд меорам, замони навҷавониро,*
*Ба зери боли модар роҳатам зиндагониро.*
*Сари мӯе агар таб дошт он ҷони ҷигарбандаш,*
*Зи чӯби арча меандохт дӯду ҳам зи испандаш.*
*Ба сад кӯ мезад ӯ худрову меовард туморе,*
*Ки рӯҳи рафтагон гардад ба ҷони мо мададгоре.*
*Ба зери бистар ӯ мемонд доим ҷилди Қуръоне,*
*Ки бошад то алайҳи ҷину девон сахт бурҳоне.*
*Кунун ман орзу дорам, ки гардам кӯдаки нодон,*
*Сари зонуи модар монда сар, бошам басе шодон.*
*Бидеҳ, бори Худо, аз ҳавзи Кавсар доимо обаш,*
*Ки ожанге набинад, то қиёмат рӯи моҳтобаш.*

Беҳуда нест, ки гуфтаанд: биҳиштро аз қудуми модарон бояд ҷуст.

*Чун даргузарам, хок бари сар биниҳед,*
*Ин хок зи хоки пои модар биниҳед.*

*Хоҳед , ки камтар бишавад сӯзи дилам,*
*Хишт аз лаҳадаш ба рӯи ҷигар биниҳед.*

Дӯстону шогирдон падару модаронро хурмату эхтиром намоед. Зеро онҳо қиматтарин ганҷинае ҳастанд, ки тамоми моли дунёро сарф кунем, дигар онҳоро харида наметавонем. Аз ин рӯ, ба қадри падару модар бояд расем.



**НУРАЛӢ ВАЛӢ,**
**омӯзгори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

# ОЗМУНИ «ИХТИРОЪКОРОНИ ҶАВОН»-2024

*29-уми майи соли 2024 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон “Озмуни ихтироъкорон ва беҳтарин лоиҳаҳои инноватсионӣ” баргузор гардид. Дар озмун донишҷӯёни факултетҳо, магистрантон, олимони ҷавон, докторантон аз рӯи ихтисос (PhD)-и донишгоҳ ва хонандагони Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе” иштирок карданд.*

*Дар кори озмун инчунин сармутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳунда Раҳимова ва ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир*



*Файзалӣ иштирок намуданд.*

Озмунро муовини ректор оид ба илм ва татбикот Абдулазиз Ғаффоров оғоз намуда, нақши навоварию ихтироъкорӣ ва илму инноватсияро дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ карда, эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва «Бистсолаи (2020-2040) омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»-ро омили муҳимми пешрафти кишвар маънидод намуд.

Сипас, ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ва сармутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ Фарҳунда Раҳимова суханронӣ намуда, баргузории чунин озмунҳоро барои дарёфти ихтироъкорону навоварони ҷавон ва пешрафти соҳа омили муҳим арзёбӣ карданд.

**Озмун дар ду бахш: 1. Навоварӣ ва ихтироъ. 2. Лоиҳаҳои инноватсионӣ гузаронида шуд.**

Корҳои пешниҳодшударо дар бахши “Навоварӣ ва ихтироъ” аъзои ҳакамон дар ҳайати зерин баҳогузорӣ намуданд: А. Ғаффоров – д.и.т., проф., муовини ректор оид ба илм ва татбиқот (раиси ҳакамон); А. Ҳасанов – н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи КИТ, ОКИ ва ИП, муовини раис; Г. Мирзозода – н.и.т., мудири кафедраи мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрока (аъзо); Ф.Ҷалилов – н.и.т.,и.в. дотсент, мудири кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ (аъзо); Ш. Мирзоев – и.в. мудири шуъбаи таълим (аъзо); О. Ҷӯраев, раиси Кумитаи иттифоки касабаи ДТТ (аъзо); А.Саидов - мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш (котиб).

Лоиҳаҳои инноватсиониро ҳакамон дар ҳайати зерин баҳогузорӣ карданд:

Ф. Ғаффоров – н.и.и., и.в. дотсент, муовини ректор оид ба инноватсия ва технологияҳои таълимӣ (раиси ҳакамон); М. Юсупов - н.и.ф-м; дотсенти кафедраи система ва технологияҳои иттилоотӣ, муовини раис; А.Собирҷанов –н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молия ва қарз (аъзо); О.Бобоев –н.и.т., дотсенти кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ (аъзо); Г.Тураева – н.и.т., и.в. дотсенти кафедраи технологияҳои истеҳсолӣ ва маводи хӯрока (котиб).

Ба озмун 23 номгӯи ихтироъ ва 90 лоиҳаи инноватсионӣ пешниҳод гардида буд. Баъд аз муаррифии ихтироотy лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ҷамъбасти озмун, ҳайати ҳакамон





ғолибонро ба таври зайл муайян намуданд.

**Дар бахши 1. Навоварӣ ва ихтироъ. Барои ишғоли ҷойи якум мукофоти пулӣ ба миқдори 2500 сомонӣ.**

Саидов Ҳусейн Аламуродович, докторанти курси 3-юми ихтисоси 6D072700, факултети муҳандисӣ-технологӣ, барои ихтирои “Коркарди истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиӣ ғизоӣ”.

Бозорова Нозанин Эшонқуловна, докторанти курси 2-юми ихтисоси 6D072700, факултети муҳандисӣ-технологӣ ва Ачилов Алишер, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 6D072700 -и ҳамин факултет, барои ихтирои “Тайёр намудани нӯшокии ғайриалкоголии ғайрианъанавӣ аз растаниҳои шифоии Ҷумҳурии Тоҷикистон”

**Барои ишғоли ҷойи дуюм мукофоти пулӣ ба миқдори 1000 сомонӣ.**

1-49010104, барои ихтирои “Тайёр намудани ликёр аз мева ва ғуҷуммева”.

Ризоев Маҳмудҷон хонандаи синфи 11“а”-и Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе», барои ихтирои “Асбоби таъминкунандаи қувваи барқ”.

Палавонзода Эмомалӣ донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-54010105, факултети муҳандисӣ-технологӣ, барои ихтирои “Коркарди нави маҳсулоти консервакардашуда бо истифодабарии ашёи хоми маҳаллӣ имбир ва лимон”.

**Барои иштироки фаъол мукофоти пулӣ ба миқдори 100 сомонӣ.**

Самарзода Комёб Комилҷон магистранти ихтисоси 1-54010105, факултети муҳандисӣ-технологӣ, барои ихтирои “Тайёр намудани пайгир барои маҳсулоти нонӣ (хамиртуруш”



Ҷонмардов Фарҳод Ибодуллоевич донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-45010301, факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ, барои ихтирои “Роботи радиоидорашаванда”.

Мукумов Муҳаммад Ваҳобович, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-40010108, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои ихтирои “Wireless Glove Robot Controller”.

Абдуғафорзода Муҳаммад донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-54010104, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои ихтирои “Мукамалгардонии наҳҷудокунаки аррагӣ тамғаи 5ДП-130”.

**Барои ишғоли ҷойи сеюм мукофоти пулӣ ба миқдори 500 сомонӣ.**

Истамов Рустам Сухробкулович донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси

Назримадзода Муслим донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-43010601, факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ, барои ихтирои “Асбоб барои ташхиси таҷҳизоти барқӣ”

Урунбаев Комрон Аъзамович донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-40010101, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои ихтирои “PiCar-X - робот с ИИ”.

**Бо Сипосномa ва мукофоти пулӣ ба миқдори 100 сомонӣ.**

Садоншоев Садоншо Эрачович донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-91010101, факултети муҳандисӣ-технологӣ, барои ихтирои “Тайёр намудани маҳсулоти гӯштӣ аз ашёи хоми маҳаллӣ”.

с. 8

# ОЗМУНИ «ИХТИРОЪКОРОНИ ҶАВОН»-2024



(Аввалаш дар сах. 7)

Махмадшозода Муродалӣ Амиршоҳ донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-45010301, факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ, барои ихтирои “Дастгоҳ барои омӯзиши триггери Шмитт”.

Неъматов Мухаммадҷон Зиёвиддинович донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-40010108, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои ихтирои “Humster робот”.

**Бо Сипоснома**

Саъдизода Файзалӣ Абдусалом донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-49010201, факултети муҳандисӣ-технологӣ, барои ихтирои “Истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ бо иловаи антиоксидантҳои табиӣ”.

Абдулхаётова Ситора Комилҷоновна донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-91010101, факултети муҳандисӣ-технологӣ, барои ихтирои “Тайёр намудани хушбӯйкунандаҳо”.

Некушоева Фарзона Иномшоева донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-49010201, факултети муҳандисӣ-технологӣ, барои ихтирои “Тайёр намудани маҳсулоти ғайрианъанавӣ аз ашёи хоми маҳаллӣ”.

Муродзода Бобомурод Раҷабалӣ донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-45010301, факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ, барои ихтирои “Дастгоҳи муҳофизати дастгоҳҳои рӯзгор аз шиддати баланд.”.

Бурунов Бахтиёр Абдуҷабборович донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-45010301, факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ, барои ихтирои “Дастгоҳ барои намоиши даруни тухм”.

**Дар бахши 2-юм. Лоиҳаҳои инноватсионӣ.**

**Барои ҷойи якум мукофоти пулӣ ба миқдори 750 сомонӣ.**

Комрон Шеъро, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-40010301, барои лоиҳаи “Мобильное предложение “Tajmed””.

Малаев Фаррух Ҷӯрабекович донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-25010301В, барои лоиҳаи “Атоматизация база данных”.

Тошева Ганҷина донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 19010105А, барои лоиҳаи “Аз партовҳои маишӣ тайёр намудани ашёҳои ороишӣ”.

Ашурова Сумая хонандаи синфи 11“в”-и Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе», барои лоиҳаи “Истифодаи рангҳои табиӣ дар санъати тасвирӣ”.

**Барои ҷойи дуюм мукофоти пулӣ ба миқдори 500 сомонӣ.**

Мирзоев Шаҳбоз донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-40010301, барои лоиҳаи “Экосистемаи рақамӣ OSSON.tj”.

Ризоев Маҳмудҷон хонандаи синфи 11“а”-и Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе», барои лоиҳаи “Асбоби таъминкунандаи қувваи барқ”.

Юлдашева Нозанин донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 19010105А, барои лоиҳаи “Гӯшаи табиат барои маркази эстетикӣ”

**Барои ҷойи сеюм мукофоти пулӣ ба миқдори 250 сомонӣ.**

Иброгимов Азиз донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-40010108В, барои лоиҳаи “Chat-Bot”.

Фирдавсов Саймахмуд Абдурасулович донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25010104, барои лоиҳаи “Таҳияи сехи коркарди пашм”.

Давлатова Мадина донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-360901, барои лоиҳаи “Нӯшокии фоидаовар “Замбуруғи чой” (Комбучу)”

Шарифова Сумая хонандаи синфи 9“б”-и Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе», барои лоиҳаи “Курокдӯзӣ”.

**Сипоснома ДТТ (бо маблағ – 100 сомонӣ)**

Шукуров Шаҳром донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-40010108, барои лоиҳаи “Барномаи компютерии «График соз»”.

Чориева Таманно донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25010410, барои лоиҳаи “Ташкили корхонаи қолинбофии «Гулвард» дар ноҳияи А.Ҷомӣ”.

Ёғибекова Сафина донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-50010102, барои лоиҳаи “Соли 2025 Ҳифзи пиряххои Тоҷикиситон ва аҳамияти онҳо”.

Раҷабзода Умед донишҷӯи курси 1-юми ихтисоси 1-49010106, барои лоиҳаи “Истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ барои консерваҳои функционалӣ”.

**Сипоснома (бо маблағ – 100 сомонӣ) Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе»**

Саидов Амирҷон хонандаи синфи 11“а”-и Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе», барои лоиҳаи “Веб сайт барои донишҷӯёни хориҷӣ”.

Ҷаъфарова Фархунда хонандаи синфи 9“а”-и Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе», барои лоиҳаи “Табобати бемориҳои ҷигар ва кириочарроҳӣ дар Тоҷикистон”.

**Сипоснома (бемаблағ)**

Ҳаитова Малика донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-26020202, барои лоиҳаи “Декоративная картина”.

Алиева Таманно донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-19010105, барои лоиҳаи “Горы Таджикистана”.

Ҳотамов Ҳакимҷон донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-54010104, барои лоиҳаи “Агрегат барои тозакунии ниҳоии нахи пахта”.

Ҷаъфарова Субҳия донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25010410, барои лоиҳаи “Корхонаи истеҳсоли шакар аз лаблабу дар ноҳияи Данғара”.














Фановар
МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Раҷабалӣ Шарифов

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ўҳда намегирад.

Ҳафтанома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха*